# ФАРМОИШИ
# ВАЗИРИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

аз 14 апрели соли 2020 №1443 ш. Душанбе

Дар бораи амалӣ намудани қарори мушовараи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон 28 марти соли 2020, №4/20

Бо мақсади амалӣ намудани қарори мушовараи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон 28 марти соли 2020, №4/20 «Оид ба тасдиқи Қоидаҳои қабули донишҷӯён ба Консерваторияи миллии Тоҷикистон ба номи Т. Сатторов, Академияи Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Донишкадаи ҳарбии Вазорати мудофиаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Донишкадаи сарҳадии Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Мактаби олии Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли таҳсили 2020-2021» мутобиқи банди 13-и Низомномаи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 марти соли 2014, №145) ФАРМОИШ МЕДИҲАМ:

1. Қарори мушовараи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон 28 марти соли 2020, №4/20 «Оид ба тасдиқи Қоидаҳои қабули донишҷӯён ба Консерваторияи миллии Тоҷикистон ба номи Т. Сатторов, Академияи Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Донишкадаи ҳарбии Вазорати мудофиаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Донишкадаи сарҳадии Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Мактаби олии Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли таҳсили 2020-2021» мавриди амал қарор дода шавад (замима мегардад).

2.Ба ректорон (сардорон)-и муассисаҳои таҳсилоти олии касбии дар боло зикргардида супорида шавад, ки қабули довталабонро ба муассисаи таълимӣ тибқи талаботи Қоидаҳои мазкур амалӣ намоянд.

3.Раёсати таҳсилоти олии касбӣ ва баъдидипломӣ (Ф. Ҳайдаров) риояи бандҳои Қоидаҳои мазкурро дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии ҷумҳурӣ зери назорати ҷиддӣ қарор диҳад.

4.Назорати иҷрои фармоиши мазкур ба зиммаи муовини вазир Д. Қодирзода гузошта шавад.

Асос: Қарори мушовараи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 марти соли 2020, №4/20.

Вазир М. Имомзода

# ҚАРОРИ МУШОВАРАИ ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

аз 28 марти соли 2020 №4/20 ш. Душанбе

Оид ба тасдиқи Қоидаҳои қабули донишҷӯён ба муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли таҳсили 2020-2021

Мушовараи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон лоиҳаи Қоидаҳои қабули донишҷӯён ба Консерваторияи миллии Тоҷикистон ба номи Т. Сатторов, Академияи Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Донишкадаи ҳарбии Вазорати мудофиаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Донишкадаи олии сарҳадоти Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Мактаби олии Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли таҳсили 2020-2021-ро муҳокима намуда,

қ а р о р м е к у н а д:

1.Қоидаҳои қабули донишҷӯён ба Консерваторияи миллии Тоҷикистон ба номи Т. Сатторов, Академияи Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Донишкадаи ҳарбии Вазорати мудофиаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Донишкадаи олии сарҳадоти Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Мактаби олии Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли таҳсили 2020-2021 тасдиқ карда шавад (замима мегардад).

2.Ба ректор (сардор)-они муассисаҳои таҳсилоти олии касбии зикргардида супорида шавад, ки қабули донишҷӯёнро тибқи талаботи Қоидаҳои қабули мазкур ба роҳ монанд.

3.Раёсати таҳсилоти олии касбӣ ва баъдидипломӣ (Ф. Ҳайдаров) рафти амалӣ гардонидани Қоидаҳои қабули мазкурро зери назорати ҷиддӣ қарор диҳад.

4.Назорати иҷрои қарори мазкур ба зиммаи муовини вазир Д. Қодирзода гузошта шавад.

Раиси мушовара,
вазир М. Имомзода

Бо қарори мушовараи
Вазорати маориф ва илми
Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз 28 марти соли 2020,
№4/20 тасдиқ шудааст

Қоидаҳои қабули донишҷӯён ба Консерваторияи миллии Тоҷикистон ба номи Т. Сатторов, Академияи Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Донишкадаи ҳарбии Вазорати мудофиаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Донишкадаи олии сарҳадоти Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Мактаби олии Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли таҳсили 2020-2021

## I.Муқаррароти умумӣ

Қоидаҳои қабули донишҷӯён ба Консерваторияи миллии Тоҷикистон ба номи Т. Сатторов, Академияи Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Донишкадаи ҳарбии Вазорати мудофиаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Донишкадаи олии сарҳадоти Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Мактаби олии Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли таҳсили 2020-2021 (минбаъд Қоида) дар асоси моддаи 33 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», моддаи 22 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» ва дигар асноди меъёрии ҳуқуқии зинаи таҳсилоти олии касбӣ таҳия гардидааст.

## 1.Тартиби қабули донишҷӯён ба муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ

1.Ба Академияи Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Донишкадаи ҳарбии Вазорати мудофиаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Донишкадаи олии сарҳадоти Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Мактаби олии Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон, шахсони бетабааи муқими Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул карда мешаванд.

2. Ба Консерваторияи миллии Тоҷикистон ба номи Т. Сатторов шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳрвандони давлатҳои хориҷӣ мувофиқи шартномаву созишномаҳои байнидавлатӣ, хориҷиён ва шахсони бетабааи муқими Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул карда мешаванд.

3.Ба курси якум шахсоне, ки шаҳодатномаи намунаи давлатии таҳсилоти миёнаи умумӣ, дипломи намунаи давлатии таҳсилоти ибтидоии касбӣ, ки дар он гирифтани таҳсилоти миёнаи умумӣ қайд гардидааст ва инчунин дипломи намунаи давлатии таҳсилоти миёнаи касбӣ доранд, қабул карда мешаванд.

4.Довталабон дар як вақт танҳо дар як муассисаи таҳсилоти олии касбӣ тибқи банди 2 ба курси якум қабул карда мешаванд.

5.Ба Консерваторияи миллии Тоҷикистон ба номи Т. Сатторов танҳо хатмкардагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи соҳаи фарҳанг ва санъат қабул карда мешаванд.

6.Нақшаи қабули донишҷӯён ба муассисаҳои таҳсилоти олии касбии зикргардида аз ҳисоби буҷети ҷумҳурӣ ва тариқи шартномавӣ сарфи назар аз

шакли ташкилию ҳуқуқӣ, моликият ва мансубияти соҳавӣ аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо пешниҳоди Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар доираи замимаи иҷозатномаи пешбурди фаъолияти таълимӣ дар мувофиқа бо Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар карда мешавад.

7.Бо мақсади қабули ҳуҷҷатҳои довталабон, ташкил ва гузаронидани имтиҳони қабул бо фармоиши ректор (сардор)-и муассисаи таҳсилоти олии касбӣ комиссияи қабул таъсис дода мешавад. Раиси комиссияи қабули муассисаи таҳсилоти олии касбӣ ректор (сардор) мебошад. Дар вақти набудани раис ваколатҳои ӯ ба зиммаи муовини раис (муовини ректор (сардор) оид ба таълим) гузошта мешавад.

Ректор (сардор)-и аз ҳисоби омӯзгорони таҷрибадор, номзадҳо ва докторҳои илм котиби масъули комиссияи қабулро баъд аз мувофиқа бо Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон таъйин менамояд. Котиби масъули комиссияи қабул, ҷонишин ва котибони техникӣ аз ду сол зиёд пайиҳам тайин карда намешаванд. Ҷойивазкунӣ байни котиби масъул, ҷонишин ва котибони техникӣ манъ аст.

8.Муассисаи таҳсилоти олии касбӣ танҳо бо доштани иҷозатномаи пешбурди фаъолияти таълимӣ метавонад қабули донишҷӯёнро аз рӯи ихтисосҳои дар он дарҷшуда эълон намояд.

Комиссияи қабули муассисаи таҳсилоти олии касбӣ вазифадор аст, ки довталаб ё волидайни ӯро бо иҷозатнома (литсензия)-и пешбурди фаъолияти таълимӣ ва шаҳодатномаи аккредитатсияи давлатӣ аз рӯи равия ва ихтисосҳо, ки ба гирифтани ҳуҷҷати намунаи давлатӣ дар бораи таҳсилоти олии касбӣ ҳуқуқ медиҳад, шинос намояд.

9. Бо мақсади ташкил ва гузаронидани имтиҳони қабул бо фармоиши ректор (сардор)-и муассисаи таълимӣ комиссияи фаннии имтиҳонӣ таъсис дода мешавад. Ҳайати комиссияи фаннӣ зиёда аз ду сол пайи ҳам таъин шуда наметавонанд. Ба ҳайати комиссияи фаннӣ омӯзгорони муассисаи таълимӣ ва омӯзгорон аз дигар муассисаи таълимӣ шомил шуда метавонанд.

Комиссияи қабули муассисаи таҳсилоти олии касбӣ бояд то қабули ҳуҷҷатҳои довталабон номгӯи равия ва ихтисосҳо, теъдоди қабулро аз рӯи равия ва ихтисосҳо аз ҳисоби буҷети ҷумҳурӣ ва тариқи шартномавӣ эълон намояд. Гузашта аз ин, номгӯи фанҳое, ки вобаста ба равия ва ихтисосҳо имтиҳони қабул гузаронида мешаванд, баҳогузорӣ, тарзи гузаронидани имтиҳони қабул (тестӣ ва анъанавӣ)-ро эълон менамояд. Тарзи гузаронидани имтиҳони қабул (тестӣ ва анъанавӣ) дар асоси қарори Шӯрои олимон ба роҳ монда мешавад.

10. Имтиҳони қабул дар асоси барномаҳои таълимии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ гузаронида мешаванд. Муассисаи таҳсилоти олии касбӣ имтиҳони дохилшавии тестӣ ё анъанавиро дар мувофиқа бо Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар менамояд.

Дар муассисаи таҳсилоти олии касбӣ имтиҳон ба тарзи зайл сурат мегирад: имтиҳон аз забони давлатӣ, тест ва анъанавӣ мувофиқ ба ихтисосҳо аз рӯи фанҳои зерин: забони давлатӣ (тоҷикӣ), адабиёт, математика, физика, химия, биология, география, таърихи халқи тоҷик, асосҳои давлат ва ҳуқуқ, ҳуқуқи инсон, забони хориҷӣ ва ихтисос. Дар Консерваторияи миллии Тоҷикистон аз маҳорати эҷодӣ низ имтиҳон ташкил карда мешавад.

11. Ҳаҷми маблағи таҳсил барои таълими шартномавӣ дар асоси қарори Шӯрои олимон муайян ва бо Хадамоти зиддиинҳисории назди Ҳукумати Чумҳурии Тоҷикистон мувофиқа карда шуда, аз тарафи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда мешавад ва дар Қоидаҳои қабули муассисаи таълимӣ дарҷ мегардад. Довталабони гурӯҳҳои шартномавӣ баъди супоридани имтиҳонҳо, фақат дар сурати пардохт намудани маблағи таҳсил тибқи талаботи қарордод ба муассисаи таълимӣ қабул карда мешаванд.

12.Довталабони зерин бе супоридани имтиҳон ба ҷойҳои буҷавии пешбинишуда ба муассисаи таҳсилоти олии касбии зикргардида қабул карда мешаванд;

-довталабоне, муассисаи таҳсилоти миёнаи умумиро бо медали тилло хатм намудаанд.

13.Довталабони зерин тариқи суҳбат ба ҷойҳои буҷавии пешбинишуда ба муассисаҳои таҳсилоти олии касбии зикргардида қабул карда мешаванд;

-ҷоизадорони озмунҳои ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ аз рӯи фанҳои таълимии муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ, ки тавсияномаи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистонро доранд;

-ҷоизадорони озмунҳои байналмилалӣ ва ҷумҳуриявии мусиқӣ бо ихтисосҳои дахлдор тибқи пешниҳоди ҳуҷҷатҳои зарурӣ, ки тавсияномаи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистонро доранд;

-ҷоизадорони мусобиқаҳои варзишии ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ аз рӯи ихтисосҳои дахлдор, ки тавсияномаи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистонро доранд.

14. Комиссияи қабул саволномаҳои суҳбатро аз рӯи ихтисосҳо ва равияҳо омода намуда, оид ба рафти суҳбат протокол тартиб медиҳад, ки дар он саволҳои ба довталаб додашуда, ҷавобҳои довталаб ва натиҷаи суҳбат сабт мегардад.

15.Ҳамаи довталабон сарфи назар аз аслу насаб, ҷинс, забон, мансубияти нажодию миллӣ, вазъи иҷтимоию хусусиятҳои касбу кор, эътиқод, мазҳаб ва муносибат ба дин ва мансубияти ҳизбӣ дар гирифтани таҳсилоти олии касбӣ ҳуқуқи баробар доранд.

16.Ҳуҷҷатҳое, ки довталабон ба комиссияи қабул пешниҳод менамоянд:

-ариза ба номи ректор (сардор);

-ҳуҷҷат дар бораи таҳсилоти миёнаи умумӣ (пурра), ибтидоӣ ва миёнаи касбии намунаи давлатӣ- асл (маълумотнома дар бораи хатми мактабҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ қабул карда намешаванд).

-маълумотномаи тиббӣ (шакли № 038)

-6 адад сурат (андозаи 3х4 см);

-шиносномa;

-билети ҳарбӣ ё шаҳодатномаи ҳарбии даъватшаванда;

-ҳангоми будани собиқаи корӣ нусхаи дафтарчаи меҳнатӣ.

Довталабоне, ки таҳсилоти миёнаи умумӣ, ибтидоии касбӣ, миёнаи касбӣ ва олии касбиро дар хориҷи кишвар гирифтаанд, баъд аз баробарарзиш намудани ҳуҷҷати таҳсилоти худ ва муайян шудани дараҷаи сатҳи таҳсилот метавонанд ба комиссияи қабули муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ҳуҷҷат пешниҳод намоянд.

Довталабоне, ки мактаб ва литсейҳои хусусиро хатм намудаанд, дар вақти супоридани ҳуҷҷат, нусхаи литсензия (иҷозатномаи пешбурди фаъолияти таълимӣ)-и муассисаи таълимии мазкурро пешниҳод менамоянд.

Мӯҳлати пешниҳоди ҳуҷҷатҳои довталабон ба комиссияи қабул ва комиссияи аттестатсионӣ аз 20 июн то 31 июл муқаррар карда мешавад.

Мӯҳлати имтиҳони қабул аз 12 то 20 август муқаррар карда мешавад.

17.Довталабоне, ки ба имтиҳони қабул ҳозир нашудаанд, баҳои ғайриқаноатбахш гирифташуда ҳисобида мешаванд.

18.Бо гирифтани баҳои мусбат (холҳои муайян) аз имтиҳони қабул берун аз озмун қабул карда мешаванд:

-маъюбони гурӯҳҳои 1-ум ва 2-юм (аз ҷумла, нобиноёни дорои истеъдоди фавқуллода), ки мувофиқи хулосаи тиббӣ-меҳнатӣ таҳсили онҳо дар ихтисоси мазкур манъ карда нашудааст, ба Консерваторияи миллии Тоҷикистон ба номи Т. Сатторов (тибқи пешниҳоди ҳуҷҷатҳои зарурӣ);

-ятими кулл (бе падару модар) ва бепарастори то синни 21 сола, тибқи пешниҳоди ҳуҷҷатҳои зарурӣ.

Дар давраи гузаронидани имтиҳони қабул бо фармоиши ректор комиссияи апеллятсионӣ таъсис ёфта, раиси он таъин карда мешавад. Дар вақти набудани раис ваколатҳои ӯ ба уҳдаи муовини раис гузошта мешавад. Ба ҳайати комиссияи апеллятсионӣ чун қоида ба сифати экспертҳои бетараф омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ҷалб карда мешаванд.

19. Аз рӯи натиҷаҳои имтиҳони дохилшавӣ довталаб ҳуқуқ дорад, ки оид ба натиҷаи баҳои имтиҳониаш ба комиссияи апеллятсионии назди муассисаи таълимӣ ба таври хаттӣ дар мӯҳлати то 3 рӯз муроҷиат намояд. Довталаб ҳуқуқ дорад, ки мутобиқи тартиботи муқаррарна-мудаи муассисаи таҳсилоти олии касбӣ бо натиҷаи имтиҳони супоридааш дар асоси ҳуҷҷати тасдиқкунандаи шахсият шинос шавад. Баррасии апеллятсия аз нав супоридани имтиҳон набуда, танҳо санҷиши дурустии баҳои имтиҳони дохилшавӣ мебошад.

Баъди баррасии апеллятсия қарори комиссияи апеллятсионӣ оид ба баҳои имтиҳон (ҳам дар сурати паст ва ҳам дар сурати баланд кардани баҳо) қабул карда мешавад. Дар мавриди ба миён омадани зарурати тағйир додани баҳо бо қарори комиссияи апеллятсионӣ дар варақаи имтиҳонӣ тағйирот ворид карда мешавад. Дар мавриди ба вуҷуд омадани ихтилоф дар комиссияи апеллятсионӣ оид ба баҳои гузошташуда баҳо бо овоздиҳӣ ва тарафдории аксарияти овозҳо тасдиқ карда мешавад.

20.Фармоиши ректор (сардор) оид ба қабули донишҷӯён (рӯзона ва ғоибона) ба муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ то оғози соли таҳсил аз тарафи ректор (директор)-и муассисаи таҳсилоти олии касбӣ ба имзо мерасад.

21.Довталабоне, ки ба муассисаи таҳсилоти олии касбӣ қабул шудаанд ва дар давоми 15 рӯз бесабаб ба таҳсил шуруъ накардаанд, аз сафи донишҷӯёни муассисаи таълимӣ хориҷ карда мешаванд.

22.Назорат аз болои фаъолияти комиссия ва имтиҳони қабули муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон новобаста аз шакли ташкилию ҳуқуқӣ ва моликият, аз тарафи мақомоти ваколатдори давлатӣ дар соҳаи маориф ва илм ба амал баровара мешавад.

23.Таъмин, риоя ва иҷрои Қоидаҳои қабул барои муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ новобаста аз шакли ташкилию ҳуқуқӣ ва тобеияти идоравӣ ҳатмӣ мебошад.